Ш63.3
С-13



# СПИТОМОНИ СУҒДӢ

Мос 633
С-13

ҲАЗРАТ САБОҲӢ

# СПИТОМОНИ СУҒДӢ

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

Китобхонаи ... Ҷумҳурии ... М. ...
416. ...

Душанбе
«Адиб»
2009

Муҳаррир **Ю. Аҳмадзода**
Масаввир **А. Абдуллоев**



ISBN 978-99947-57-95-4

© Ҳазрат Сабоҳӣ, 2009

Дар таърихномаҳои Юнони қадим номи Спитомонро ба шакли «Спитамен» навиштаанд. Таърихнависони юнонӣ дар бораи ӯ ҳикоятҳои бисёр овардаанд. Чаро? Аввал ин, ки Спитомон бо қаҳрамонӣ ва далерӣ лашкари Искандари Мақдуниро ба ларза оварда буд. Дуввум ин, ки таърихнависони юнонӣ ба шуҷоати Спитомон қоил шуда буданд.

Дар соли 331 пеш аз милод, яъне 2 ҳазору 330 сол пеш аз ин Искандари Мақдунӣ ба Эронзамин ҳуҷум оварда буд. Шоҳи Эрон—Дорои саввум, ки тарсу буд, ақиб гурехт ва ба Бохтар омад. Бохтариён аз шоҳи буздил безор буданд. Як шахси обрӯманди онҳо, ки Бас ном дошт, Дорои саввумро ба қатл расонд. Бас ба худ лақаби «Ардашер»-ро гирифт. Вай бо аскарони худ ба ҷанги душман омода мешуд. Вале лашкари Искандар бисёр буд ва шаҳру деҳотро паи ҳам ишғол намуда, то Самарқанд расида буд. Аз ин сабаб Ардашер аз дарёи Ому гузашт ва ба лашкариёни Суғд—Спитомон, Сосимеҳр ва Аксиард пайваст.

Спитомон сарвари шӯришгарони Суғд буд. Вай ҳамроҳи аскарони худ як дафъа пойтахти Суғд—Самарқандро аз душман озод кард. Искандар дар ин вақт дар Хуҷанд буд. Вай аз шикасти аскарони юнонӣ ва ғалабаи Спитомон бохабар шуда, ба Самарқанд лашкар фиристод, то ки шаҳрро дубора забт намояд.



Спитомон аз ин қарори Искандар хабар ёфт ва қалъаи шаҳрро холӣ кард. Ӯ бо ҷанговарони худ ба беруни шаҳр рафт. Ҳангоме ки аскарони Искандар ба шаҳр дохил шуданд, Спитомон ба онҳо ҳуҷум овард ва то соҳили дарёи Зарафшон расид. Юнониҳо дар ҷазирае паноҳ бурданд. Спитомон дар ин ҷазира душманро торумор кард.

Искандар ба ҳаросу таҳлука афтод. Вай бо ҷанговарони зиёд ба Самарқанд ҳуҷум кард. Ҷанги шадид огоз ёфт. Сарбозони Спитомон қаҳрамонона ҷангида, ба тарафи дашт ақиб нишастанд. Онҳо мехостанд, ки душман аз ақибашон ояд ва ӯро берун аз шаҳр саркӯб кунанд. Аммо Искандар ҳилаи Спитомонро пай бурд ва сарбозони суғдро таъқиб накард. Вай ба шаҳр баргашт ва бо қаҳру газаб 120 ҳазор нафар аҳолии Суғдро ба қатл расонд.

Спитомон ба Бохтар рафт. Вай ба ақибгоҳи душман бо саворaҳои ҷасураш зарба зада, ҳазорҳо нафар сарбози юнониро аз байн бурд.

Тирамоҳи соли 328-и пеш аз милод Спитомон бо лашкари худ боз ба пойтахти Суғд баргашт. Ӯ азми қавӣ дошт, ки Самарқандро бори дигар озод кунад. Спитомон бо лашкариёни худ ба қароргоҳи душман, ки дар қалъа буд, ҳамла кард. Ҷанги сахт ва нобаробар сар шуд. Суғдиён сурудхонон меҷангиданд.

Дар ин ҷанги нобаробар Искандар ба лашкари Спитомон фишор овард. Спитомон ба биёбон паноҳ бурдан хост. Вай ба сӯи даштҳо ҳаракат кард. Ӯ мақсад дошт, ки андаке ба сарбозон имкони истироҳат диҳаду боз ба кӯфтани душман омода шавад. Аммо кӯчиёни сакой бо Спитомон иттифоқ накарданд. Онҳо, ки аз Искандар сахт метарсиданд, Спитомонро асир гирифтанд. Спитомон дар ғазаб шуд ва ба сакоиён гуфт:

– Шумо, кӯчиёни лаъин, ҳамеша аз ақиб ба мо теғ мекашед. Душманӣ мекунед, аммо донед, ки сари моро касе хам карда наметавонад. Зинда бод Суғд!

Кӯчиён сари Спитомонро аз тан ҷудо карданд ва ба Искандар супурданд. Оташи хашму ғазаби суғдиён забона зад. Мубориза ву корнамоии Спитомонро Сосимеҳру Ҳуриён идома доданд. Номи Спитомон ҷовид монд.



**Ҳазрат Сабоҳӣ**

# СПИТОМОНИ СУҒДӢ

*(Барои кӯдакони синни хурд ва синфҳои ибтидоӣ)*

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ. **М.Саидова**
Ҳуруфчини компутерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа17.08.09 таҳвил гардид. Чопаш 03.09.09
ба имзо расид. Андозаи 60x841/16. Коғаз ва чопи офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 3000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи С/И «Маҳмудҷон» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, ноҳияи Рудакӣ, кӯчаи Зафар.
Тел.: 919 94 80 80